# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст

1. Таҳқиқоти мазкур барои соҳаи педагогикаи коррексионӣ, аз ҷумла логопедияи ватанӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд, яъне коркарду таҳия ва истифодаи самараноки барнома ва технологияҳои компютериро дар ташхиси кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар мисоли алалия бо истифода аз барномаҳои компютерӣ таъмин хоҳад кард. Афзалияти асосии истифодаи воситаҳои компютерии таълим дар таҳсили кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд, аз ҷумла нуқсони нутқидошта имкониятҳои зиёди ба онҳо визуаликунонии маводи таълимӣ аст. Истифодаи сарчашмаҳои рақамии таълим дар фаъолияти педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақти пешниҳоди маводи таълимиро кӯтоҳ карда, ҳаҷми намудҳои самараноки фаъолиятро дар ҷараёни машғулият зиёд намояд; воситаҳои шавқовари таълимию дидактикӣ, маводи тақсимотӣ, баҳогузорӣ ва санҷиширо, ки барои иҷрои вазифаҳои гузошташудаи ислоҳию таълимӣ заруранд, таҳия кунад.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 20.10.2022, №4).

Дар хулосаи кафедра ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия интихоби усулҳои ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ ба миён гузошта шудааст, ки имкон медиҳад, алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим аз як тараф ва усулҳои таълим аз тарафи дигар муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ дар равандиислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакон мусоидат намуда, нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютериро дар ин раванд асоснок ва барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.); бо воситаи озмоиш сифатнокии истифодаи барномаи намунавии компютерии коркардшуда дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯ-логопедҳо пешниҳод намояд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия), аз ҷумла ба банди 2 - Таҳлил ва ташхиси инкишофи низоми таълиму тарбия барои кӯдакони дорои бздориҳои гуногун ва нуқсонҳои инкишоф, банди 5 - Коркарди технологияҳои педагогии муайян намудани мазмуни эҳтиёҷоти махсуси таълимии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои бздориҳои гуногун ва нуқсонҳои инкишоф, банди 6 - Назария ва амалияи коркард ва истифодаи технологияҳои компютерии мазмуни инкишофдиҳанда ва самти ислоҳӣ доштаи таълими кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои бздориҳои гуногун ва нуқсонҳои инкишоф, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Раҳмонов Зикирё Пӯлотович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С.Э.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Иззатова М.И.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рамазонова Р.С.

17.05.2023

*Имзои Негматов С.Э., Иззатова М.И., Рамазонова Р.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.